«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор Хушвахтзода Қ.Х.

________________________________

«_12_» _____10_____ 2023 с.

# ХУЛОСАИ

## ҷаласаи васеи кафедраи "Баҳисобгирии бухгалтерӣ"-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Каримиён М.Б. дар мавзуи "Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Каримиён Мадинаи Баҳодур 2-юми декабри соли 1994 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2016 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро дар зинаи бакалавриат аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит бо дипломи аъло хатм кардааст , соли 2018 зинаи магистратураро низ дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит хатм намудааст. Соли 2020 ба шуъбаи докторантураи PhD Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит дар соли 2023 хатм кардааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Каримиён М.Б. аз солҳои 2020-2023 докторанти (PhD)-и кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишғоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Низомов Самариддин Фахриевич мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи "Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ" чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок карда шудаанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Равандҳои ҳамгирошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо низоми иқтисодии ҷаҳонӣ ҳамчун унсури таркибии худ ташаккули низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии ба қоидаҳои стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ҷавобгӯро талаб мекунад. Дар баробари ин бозбинӣ намудани маҳакҳои ташаккули иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ, аниқ кардани унсурҳои ҳисоботи молиявӣ, муқаррар кардани муносибатҳои байниниҳамдигарӣ, тартиби эътироф ва баҳодиҳии онҳо зарур аст.

Дар шароити корбурди СБҲМ ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявӣ такмили методикаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва инъикоси иттилоот дар бораи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳисоботи молиявӣ зарур аст. Яке аз объектҳои муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ воситаҳои асосӣ мебошанд, ки методикаи баҳисобгирии онҳо вобаста ба шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ эҳтиёҷ ба бозбинӣ ва рушд дорад.

Методикаи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ, ки имрӯз дар корхонаҳои тиҷоратӣ истифода мешавад, мураккаб ва пуртазод аст. Камбудиҳои қонунгузории миллӣ ва комил набудани санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ барои такмил ва стандартикунонии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ монеаҳо ба миён меоранд. Бинобар ин, баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ бояд аз ҷиҳати методика ва ташкил, инчунин вобаста ба таҳия ва риояи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва татбиқи СБҲМ такмил ва рушд дода шавад. Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди СБҲМ имкон медиҳад, ки ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ аз нигоҳи инъикоси иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ такмил ёбад. Ҳама ин гуфтаҳо аҳамият ва мубрамии таҳқиқи масъалаҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ, таҳия ва такмили методикаи онро муайян мекунанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, № 441), «Оиди чораҳои иловагии татбиқкунии СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 октябри соли 2006, № 465), «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба амалигардонии Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, № 231), «Дар бораи тадбирҳои иловагии танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, № 154) алоқаманд мебошанд. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқот коркарди ҷанбаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Дар диссертатсия чунин вазифаҳо иҷро карда шудаанд:

1. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии дарки моҳияти иқтисодии воситаҳои асосӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии муҳосибӣ.

2. Омӯзиши усулҳои муосири баҳодиҳии воситаҳои асосӣ ва муайян кардани хусусиятҳои баҳисобгирии онҳо дар алоқамандӣ бо масъалаҳои рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ.

3. Таҳлили вазъи муосири баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани имконияти рушди минбаъдаи он.

4. Таҳқиқи мушкилоти муосири баҳисобгирии муҳосибии таъмини молиявии барқарорсозӣ ва навкунии воситаҳои асосӣ, муайян кардани роҳҳои беҳгардонии баҳисобгирии хароҷоти таъмир ва навкунии воситаҳои асосӣ.

5. Омӯзиши ҷанбаҳои идоракунии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва арзёбии шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ.

6. Муайян кардани роҳҳои такмили методикаи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар асоси такмили сиёсати истеҳлок ва мутобиқсозии он бо шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ.

7. Такмили раванди ташаккули иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ ҳамчун ҷиҳати муҳими мутобиқсозии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо стандартҳои байналмилалӣ.

**Объекти таҳқиқот** амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди СБҲМ мебошад.

**Предмети таҳқиқот** назария, методика ва амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити корбурди СБҲМ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот**. Фарзияи таҳқиқот ба он асос меёбад, ки ташкили дурусти баҳисобгирии воситаҳои асосӣ бо корбурди методикаи дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ва мутобиқ ба шароити миллии пешбурди баҳисобгирӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ таҳияшуда ба рушди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ ва инъикоси воқеъбинонаи иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ мусоидат карда, дар баробари ин ба самаранокии баланди идоракунии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои муосир боис мешавад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот татбиқи мушаххаси назария ва методологияи дарки илмии предмети таҳқиқот мебошад. Диссертатсия ба асарҳои олимон ва муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, ки ба омӯзиши мушкилоти назариявию методологии пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ бахшида

шудаанд, асос меёбад. Дар раванди таҳқиқот усулҳои илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва дигарҳо истифода шудаанд.

**Саҳми довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар иҷрои таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳлил ва ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ ва рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои муосир ифода меёбад. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ истифода шаванд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Таҳқиқот ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, Фармонҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии корхонаҳои тиҷоратӣ, маводи конференсияҳо ва интишороти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ такя мекунад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар солҳои 2020-2023 дар заминаи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташкили муносиби баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ ва рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди СБҲМ ифода меёбад. Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот, ки навгониҳои илмӣ доранд, чунин нуктаҳоро дар бар мегиранд:

1. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии дарки моҳияти иқтисодии воситаҳои асосӣ ҳамчун объекти муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ таҳқиқ шуда, мафҳуми муҳосибии воситаҳои асосӣ дар тафовут аз истифодаи он дар илмҳои дигари иқтисодӣ аниқ карда шудааст. Мақоми воситаҳои асосӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва муҳимии масъалаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст.

2. Масъалаҳои рушди усулҳои баҳодиҳии воситаҳои асосӣ аз нигоҳи таъсири арзиши онҳо ба нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои муосир дар шароити татбиқи СБҲМ таҳқиқ гардида, аҳамият ва мубрамии онҳо дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои тиҷоратӣ тасдиқ карда шудааст. Ҳамчунин хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар алоқамандӣ бо рушди методикаи баҳисобгирии онҳо вобаста ба татбиқи СБҲМ муайян карда шудаанд.

3. Дар асоси таҳлили вазъи муосири баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар партави нишондодҳои СБҲМ мушкилоти робитаи байниҳамдигарии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ошкор ва арзёбӣ карда шудааст. Аҳамияти баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ҳамчун пойгоҳи иттилоотии идоракунии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ, таъмини

истифодабарандагон бо иттилоот, аз ҷумла иттилоот барои тартиб додани ҳисоботи андоз (андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ) тасдиқ карда шудааст.

4. Мушкилоти муосири баҳисобгирии муҳосибии таъмини молиявии барқарорсозӣ (таъмир) ва навкунии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ таҳқиқ шуда, роҳҳои беҳгардонии баҳисобгирии хароҷоти таъмир ва навкунии воситаҳои асосӣ, баланд бардоштани саҳеҳии инъикоси хароҷоти таъмир ва навкунии воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ муайян карда шудаанд.

5. Вазъи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ таҳқиқ карда шуда, ҷанбаҳои идоракунии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити татбиқи стандартҳои байналмилалӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шудаанд. Тасдиқ карда шудааст, ки беҳгардонии сиёсати истеҳлок дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ аз роҳандозӣ намудани тадбирҳои зарурӣ, чун имконияти бозбинии муҳлати истифодаи нафъовари воситаҳои асосӣ ва самаранокии истифодаи маблағҳои истеҳлоки ҳисобузамшуда вобаста аст.

6. Роҳҳои такмили методикаи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар асоси такмили сиёсати истеҳлок ва мутобиқсозии он бо шароити корбурди СБҲМ муайян карда шудаанд. Зарурати омӯзиши амиқи асосҳои методологии раванди такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар шароити муосир тасдиқ ва нақши тарҳҳои истеҳлок дар маблағгузории рушди иқтидори техникии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст.

7. Тасдиқ гардидааст, ки яке аз ҷиҳатҳои асосии бо шароити корбурди СБҲМ мутобиқсозии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ин такмили раванди ташаккули иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ мебошад. Дар робита бо ин мушкилоти асосӣ дар баҳодиҳии арзиши аввалии воситаҳои асосӣ ва корбурди мафҳуми арзиши барҳамдиҳӣ дар амалияи миллии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо аз ҷумла тавассути татбиқи методикаи таҳияшудаи ҳисобкунии маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо назардошти арзиши барҳамдиҳӣ нишон дода шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Муқарароти назариявии дар диссертатсия таҳияшуда метавонанд ҳамчун саҳми муҳим дар рушди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ муаррифӣ шаванд. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия имконияти иҷрои таҳқиқотро дар самти ташаккул ва рушди баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ҳамчун бахши муҳими низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ фароҳам меоранд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои пешниҳодгардида аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти корхонаҳои тиҷоратӣ барои татбиқ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ ифода меёбад. Татбиқи амалии муқарароти таҳияшуда имкон медиҳад, ки самаранокии баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар субъектҳои иқтисодӣ ва саҳеҳии иттилооти дар ҳисоботи молиявии онҳо инъикосшуда дар бораи воситаҳои асосӣ баланд бардошта шавад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Масъалаҳои идоракунӣ ва

иқтисодиёт: вазъи муосир ва мушкилоти мубрам» (Москва, 2023), «Иқтисодиёт, бизнес, инноватсияҳо» (Пенза, 2023), «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» (Душанбе, 2022), «Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2021), «Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт» (Душанбе, 2020) ва дигарҳо баҳои мусбат гирифтаанд. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои тиҷоратӣ ба кор бурда шаванд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат бо самти ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» истифода мешаванд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқот дар доираи яке аз самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ – баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ иҷро гардидааст.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати номи мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия - «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» ва муҳтавои он ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит мувофиқат мекунад: 1.2. Методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, ки дар сатҳи микро- ва макроиқтисод маҷмуи иҷтимоию иқтисодиро тавсиф мекунанд, 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.5. Танзим ва стандартикунонии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми ташаккули маълумоти ҳисоботӣ, 1.6. Мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Доир ба мавзуи таҳқиқот 26 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 10,5 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 8,5 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, ба нашр расонида шудааст. Интишороти мазкур ақидаҳои илмии муаллиф ва ҷанбаҳои асосии таҳқиқотро дар бар гирифта, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқ мебошанд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар низоми баҳисобгирии муҳосибии ҶДММ «Комбинати металлургии тоҷик» (маълумотнома аз санаи 3 октябри соли 2023), ҶДММ «Бунёди Роғун», инчунин дар раванди таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маълумотномаи № 617/1 аз 7 октябри соли 2023) аз фанҳои

«Назарияи баҳисобгирии бухгалтерӣ», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ», «Баҳисобгирии молиявӣ» бо донишҷӯёни ихтисосҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар корхонаҳои тиҷоратӣ», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо» татбиқ мешаванд.

## Рӯйхати интишороти Каримиён Мадинаи Баҳодур доир ба мавзуи диссертатсия

### *А. Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашриёҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон*

[1-М]. Каримиён, М.Б. Составление плана счетов бухгалтерского учета на основе МСФО [Текст] / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 7. - С. 76-83

[2-М]. Каримиён, М.Б. Хусусиятҳои воситаҳои асосӣ ва тартиби баҳисобгирии онҳо тибқи стандартҳои байналмилалӣ [Матн] / М.Б. Каримиён // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. - № 3 (37). – С. 108-114

[3-М]. Каримиён, М.Б. Учет затрат на восстановление объектов основных средств в современных условиях [Текст] / М.Б. Каримиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. - № 6. – С. 150-157

[4-М]. Каримиён, М.Б. Шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ [Матн] / М.Б. Каримиён // Идоракунии давлатӣ. – 2022. - № 4/1 (58). – С. 160-170

[5-М]. Каримиён, М.Б. Тартиби баҳодиҳӣ ва aзнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ дар шароити муосир [Матн] / М.Б. Каримиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - № 3. – С. 108-115

[6-М]. Каримиён, М.Б. Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ: қоидаҳои СБҲМ ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.Ф. Низомов, М.Б. Каримиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - № 5. – С. 14-24

### *Б. Мақолаҳо дар дигар нашриёҳо:*

[7-М]. Каримиён, М.Б. Вопросы амортизационных отчислений в бухгалтерском и налоговом учете [Текст] / М.Б. Каримиён / Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита / Материалы VI международной студенческой научно-практической конференции (г. Душанбе, 19-20 мая 2017 года). – Душанбе: PIPA ART, 2017. – С. 76-80

[8-М]. Каримиён, М.Б. Хусусиятҳои истеҳлоки воситаҳои асосӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз [Матн] / Н.А. Ойев, М.Б. Каримиён / Рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 1-2 декабри соли 2017). - Душанбе: ИПС, 2017. – С. 276-282

[9-М]. Каримиён, М.Б. Амортизационная политика и бухгалтерский учет [Текст] / М.Б. Каримиён / Актуальные проблемы учета, анализа, аудита и статистики в Республике Таджикистан / Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 23 декабря 2017 года). - Душанбе: ТФЭИ, 2017 – С. 62-67

[10-М]. Каримиён, М.Б. Учет ремонта и модернизации основных средств в современных условиях [Текст] / М.Б. Каримиён, Ф.С. Обидов / Проблемы бухгалтерского учета, анализа и аудита на коммерческих предприятиях / Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 30 марта 2019 года). - Душанбе: ИПС, 2019. - С. 3-10

[11-М]. Каримиён, М.Б. Особенности учета ремонта и модернизации основных средств [Текст] / М.Б. Каримиён, Н.А. Ойев / Современные тенденции денежно-кредитных отношений и их влияние на экономическое развитие / Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 15 февраля 2020 года). – Душанбе: ИПС, 2020. - С. 195-199

[12-М]. Каримиён, М.Б. Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии дороиҳои дарозмуҳлат [Матн] / М.Б. Каримиён, У.С. Асрорзода / Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 27 марти соли 2021). – Душанбе: ДСХ, 2021 – С. 3-7

[13-М]. Каримиён, М.Б. Хусусиятҳои баҳисобгирии воридшавии воситаҳои асосӣ дар шароити муосир [Матн] / С.Ф. Низомов, М.Б. Каримиён / Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 27 марти соли 2021). – Душанбе: ДСХ, 2021. – С. 21-26

[14-М]. Хусусиятҳои эътирофкунӣ ва баҳодиҳии воситаҳои асосӣ [Матн] / М.Б. Каримиён / Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 27 марти соли 2021). – Душанбе: ДСХ, 2021. – С. 69-75

[15-М]. Каримиён, М.Б. Дигаргуниҳо дар баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мутобиқи кодекси андози нави Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Б. Каримиён / Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 51-55

[16-М]. Каримиён, М.Б. Тартиби гузаронидани аудити дохилии воситаҳои асосӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён / Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022 – С. 63-72

[17-М]. Каримиён, М.Б. Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии лизинг (иҷораи моливӣ) [Матн] / Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ / Маводи конфронси илмӣ–амалии байналмилалӣ (ш. Душанбе, 21 майи соли 2022). - Душанбе: ДМТ, 2022 – С. 147-152

[18-М]. Каримиён, М.Б. Аудити дохилии баҳисобгирии воситаҳои асосии корхонаҳои тиҷоратӣ [Матн] / М.Б. Каримиён / Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва саноаткунонии босуръати кишвар / Маводи конфронси илмӣ–амалии байналмилалӣ (н. Рашт, 28 майи соли 2022). - Рашт: ДОТ дар ноҳияи Рашт. - С.19-24

[19-М]. Каримиён, М.Б. Баҳисобгирии истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ [Матн] / М.Б. Каримиён, Ф. Раҳимов / Такмили муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ ҳамчун заминаи амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ – саноаткунонии босуръати мамлакат / Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (ш. Душанбе, 28 майи соли 2022).- Душанбе: ДБССТ, 2022 – С. 120-122

[20-М]. Каримиён, М.Б. Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар муассисаҳои буҷавӣ [Матн] / М.Б. Каримиён / Танзими давлатии зиддибухронии бахши воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноаткунонии босуръати кишвар / Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 26 сентябри 2022). - Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 119-121

[21-М]. Каримиён, М.Б. Вазифаҳои асосии дороиҳои дарозмуҳлат [Матн] / М.Б. Каримиён / Нақш ва мақоми менеҷменти инноватсионӣ дар таҳким ва рушди саноатикунонии мамлакат / Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 28 октябри 2022). - Душанбе: ДБССТ, 2022 – С. 214-217

[22-М]. Каримиён, М.Б. Ҷанбаҳои идоракунии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ [Матн] / М.Б. Каримиён / Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ / Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 25 ноябри соли 2022). - Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 337-342

[23-М]. Каримиён М.Б. Баҳисобгирии истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ [Матн] / Нақши Тоҷикистон дар ҳалли масоили муосири экологӣ бо ҳадафи рушди устувор ва таъмини амнияти экологӣ / Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 17 декабри 2022). - Душанбе: ДБССТ, 2022 – С. 24-28

[24-М]. Каримиён, М.Б. Вопросы оценки основных средств в современных условиях [Текст] / М.Б. Каримиён / Актуальные вопросы бухгалтерского учета, анализа и аудита в современных условиях / Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 28 марта 2023 года). – Душанбе: МУТПТ. – С. 93-96

[25-М]. Каримиён, М.Б. Особенности бухгалтерского и налогового учета основных средств [Текст] / М.Б. Каримиён / Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальных проблем / Сборник статей по материалам LXVII международной научно-практической конференции. - № 1 (60). М.: Изд. «Интернаука», 2023. – С. 6-13

[26-М]. Каримиён, М.Б. Проблемы оценки основных средств в учетной системе Республики Таджикистан [Текст] / М.Б. Каримиён / ЭКОНОМИКА, БИЗНЕС, ИННОВАЦИИ / Сборник статей XXII международной научно-

практической конференции. – Пенза: МЦНС «Наука и просвещение», 2023 - С. 61-65

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, ба талаботи бавндҳои 31, 33, 34, 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи Каримиён М.Б. дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода мекунанд.

3. Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба экпертизаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 21 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 20 нафар, аз онҳо бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и., профессор 5 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф»- нест.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10-уми октябри соли 2023, суратмаҷлиси №3 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДМТ** **Давлатзода М.Х.**

**Котиб:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДМТ** **Раҷабов Т.Б.**

Имзоҳои Давлатзода М.Х. ва Раҷабов Т.Б.-ро тасдиқ мекунам.

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«___» _______________ 2023 с.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС * ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * TAJIK NATIONAL UNIVERSITY * УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ